Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024 ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ, 44)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (назария, методология ва амалия) аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Нақши муҳим дар ҳалли мушкилоти рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии кишвар мебозад. Аз ин ҷо кори диссертатсионии Бобозода К.О ба ҳалли мушкилоти назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилии кишвар бахшида шудааст, заминаи асосиро барои ба вуҷуд овардани алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодии кишварро ҳам дар дохил ва ҳам беруни он дар бар мегирад, хеле мубрам ва замонавӣ мебошанд.

Муаллиф дар автореферат асосҳои назариявӣ-методологӣ, методӣ ташаккул, фаъолият ва рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори воситаҳои нақлиётӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо назардошти вазъи ҳозира, хусусиятҳои мушаххаси иҷтимоӣ- иқтисодӣ, ҳудудӣ ва эҳтиёҷоти объективии иқтисодиёти трансформатсионии бозоргонии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст (с.11-13).

Дар автореферат қайд гардидааст, ки хароҷоти нақлиётӣ барои фурӯши маҳсулот дар бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалии интиқоли бору мусофирон ба таври назаррас коҳиш ёфта, чараёни татбиқи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ суръат гирифта, инчунин, шаклу усулҳои инноватсионии ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ амалӣ гарданд (с.11).

Ҷиҳатҳои мусбии дар автореферат буда, ба монанди саҳми шахсии довталаб дар таҳияи мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳияи нақша ва барномаи гузаронидани таҳқиқот, ҷамъоварии маълумоти зарурӣ ва баррасии

адабиёти илмӣ ва нашрияҳои даврӣ оид ба бахшҳои таҳқиқот, асосноккунӣ ва интихоби усулҳои коркарди иттилоот, таҳқиқоти мустақим, таҳияи моделҳои математикии идоракунии равандҳои рушди объекти омӯзиш ва тафсири натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф мебошад.

Ба андешаи мо дар автореферати тақризшаванда дар баробари афзалиятҳо ва натиҷаҳои илмӣ баъзе камбудиҳои алоҳида ва андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Ба сифати камбудиҳо, тавсияҳою эродҳо чунин нуктаҳоро қайд кардан лозим мешуморем:

1. Дар он арзёбии назариявии вазифаҳои иденсификатсия ва баҳодиҳии раванди ташкили фаъолити истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ кам ба назар мерасад.

2. Хуб мешуд, агар дар автореферат мушкилот, муаммоҳои ташаккули бозори истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар робита бо самаранокии ба онҳо дахлдошта оварда мешуданд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Бобозода К.О. дар мавзӯи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (назария, методология ва амалия) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплесҳо мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, профессори кафедраи
молия ва қарзи Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон **Ашуров И.С.**

*Имзои профессор Ашуров И.С.-ро тасдиқ мекунам.*

Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 734061, кӯчаи М.Турсунзода 30 почтаи эл: ikhtiyor.ashurov@inbox.ru Тел: (+992) 37 221- 35-50